**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Нурова Зведамо Сафаровна дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-грамматикии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ»ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Нурова Зведамо Сафаровна дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ анҷом дода шудааст.

Нурова Зведамо Сафаровна соли 1991 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷӯраев (ҳоло СадриддинАйнӣ)-ро бо ихтисоси муаллими «Забони немисӣ-педагогика» хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсионии Нурова Зведамо Сафаровна «Таҳлили луғавӣ-грамматикии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ 28.02.2020 таҳти рақами 8/62 тасдиқ шудааст.

Муҳтаво ва натиҷаҳои диссертатсияи Нурова З. С. дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ ва илмӣ-амалии ҳайати профессорону устодони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар шакли маърузаҳои илмӣ гузориш шудаанд. Натиҷаҳои алоҳидаи рисола дар маҷаллаҳои илмӣ дар шакли 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳое, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйид намудааст, ба табъ расидаанд.

Муҳимияти рисола, пеш аз ҳама, дар набудани пажӯҳиши мушаххас, ки ба таҳқиқи хусусиятҳои луғавию грамматикии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ бахшида шудаанд, зоҳир мегардад.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ унвонҷӯ вазифаҳои зеринро дар назди хеш гузоштааст:

ҷамъоварӣ ва таснифи мавзуи истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ;

муайян намудани сарчашмаҳои ташаккули истилоҳоти забоншиносии забонҳои фавқуззикр;

ба низоми муайян ва ба як шакл даровардани истилоҳоти забоншиносии забонҳои таҳқиқшаванда;

муайян намудани ҷанбаҳои сохторӣ, луғавӣ ва семантикии истилоҳоти сайёҳии забонҳои қиёсшаванда;

таъйин намудани роҳҳои муайян дар раванди иқтибос ва тарҷумаи истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ.

Навгонии илмии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки дар забоншиносии муқоисавӣ бори аввал истилоҳоти забоншиносӣ дар

забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ бар мабнои маводи фарҳангҳои соҳавӣ ва осори илмӣ мавриди омӯзиш, таҳлил ва муқоиса қарор дода шудааст.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро низ таъкид кардан зарур аст, зеро маводи он метавонанд ҳангоми таҳқиқоти муқоисавӣ ва типологии забонҳои дигар, ҳангоми таҳия ва навиштани курси луғатшиносӣ ва грамматикаи амалии забонҳои муқоисашаванда ва дастурҳои таълимиву вожаномаҳо барои мактабҳои олӣ ва ҳангоми таҳияи курсҳои амалии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ истифода шаванд.

Бояд таъкид намуд, ки диссертант ҳамчун мутахассис хеле хуб омода гардида, мавзуи диссертатсияро ҳаматарафа омӯхта таҳқиқ кардааст, аз адабиёти илмии забоншиносии забонҳои таҳқиқшаванда пурра огоҳ аст ва мавзуи таҳқиқро дар сатҳи баланди илмии забоншиносии муосир мавриди баррасӣ қарор додааст. Диссертатсияи муҳаққиқ сазовори баҳои баланд мебошад ва аз назари техникӣ дар шакли зарурӣ таҳия гардидааст ва ба талаботе, ки нисбат ба навишти рисола пешниҳод карда мешавад, комилан ҷавобгӯй мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Нурова Зведамо Сафаровна аз вазифаи дар пешаш гузошташуда комилан баромадааст ва диссертатсияеро пешниҳод намудааст, ки ба фикри мо, ҳамчун роҳбари илмӣ, сазовори дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**доктори илми филология,
профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи
муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович

Имзои Ҷаматов Самиддин Салоҳиддиновичро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода Абдукарим

**Суроғаи муассиса:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудаки, 121.
Тел.: +992 (37) 224-13-83
E-mail:info@tgpu.tj
Сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj

12. 10. 2022